## Хулосаи

Коимиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-071 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, оид ба диссертатсияи номзадии Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич, дар мавзуи **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»,** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълим ва тарбия (13.00.02.01)- назария ва методикаи таълим ва тарбияи фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ(биология)), ки дар ҳайати зеррин: раис – доктори илмҳои биологӣ, дотсент Мирзораҳимов А.К. ва аъзоёни комиссия доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Файзализода Б.Ф., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Баротзода К.А., мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд.

Комиссия баъд аз шинос шудан ва муҳокимаи рисолаи диссертатсионии Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич, дар мавзуи: **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»,** ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02.01 – назария ва методикаи таълим ва тарбияи фанҳои табиӣ (биология) пешниҳод намудааст, хулосаи мазкурро қабул намуд.

Диссертатсия дар мавзуи **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»,** дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, таёр гардидааст. Он аз ду боб, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат ва бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.01 – назария ва методикаи таълим ва тарбияи фанҳои табиӣ (биология) мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҶТ.** Дар диссертатсия унвонҷуй корҳои таҳқиқотиро оид ба асосҳои педагогии раванди ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол, рушди донишазхудкунии хонандагон дар раванди машғулиятҳои таълимии берунaзсинфӣ дар шакли гузаронидани озмоишҳо дар хона гузаронида, равияҳои нави ташкили таълими табиатшиносиро озмоиш карда, ба натиҷаҳои дилхоҳи худ, ки дар фарзияи таҳқиқот нишон дода буд ноил гардидааст. Мавзуи мазкур аҳамияти муҳими илмӣ дошта ниёз ба омӯзиш боз ҳам

фарохтарро пайдо намуда истодааст. Зеро айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 ва ҳамзамон барномаи давлатии “Саноатикунонии босуръати кишвар” татбиқ гардида истодааст, ки он пешорӯи низоми таҳсилот боз ҳам масъалаи таълиму тарбияи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқро мубрамтар мегузорад. Аз тарафи дигар ҷомеаи муосир босуръат инкишофёбанда ва зудтағйирёбанда буда ба шахсиятҳои эҷодкор, таҳқиқотчӣ ва муваффақ ниёз дорад. Ташаккули чунин шахсияти салоҳиятманд бешубҳа аз марҳилаи синфҳои ибтидоӣ оғоз мегардад ва кори таҳқиқотии илмии мазкур низ ба ин мавзуи рӯзмарра дахл дорад.

**Мақсади** таҳқиқоти илмии мазкур коркарди асосноки назариявию амалии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони зинаи ибтидоии таҳсилот дар раванди таълими табиатшиносӣ ва корҳои беруназдарсӣ, махсусан озмоиши хонагӣ аз табиатшиносӣ мебошад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Интихоби методологияи дурусти таҳқиқотӣ-педагогӣ ба диссертант имкон додааст, ки вазифаҳои тибқи фарзияҳои таҳқиқот гузошташударо муваффақона ҳал намуда ба натиҷаи дилхоҳ расад. Дар натиҷа диссертант муваффақ шудааст, ки мазмун ва мундариҷаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносии синфҳои ибтидоиро аниқ ва дақиқ карда, имкониятҳои озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ, ки боиси ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мегардад, муайян намояд. Ҳамчунин роҳу усулҳои самараноки ташкили озмоишҳои хонагиро, ки боиси баландшавии сифати таълим мегарданд, ошкор намуда, роҳҳои методии пешниҳод гардидаро дар озмоиши педагогӣ санҷидааст.

**Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқотро ташкил намудаанд.** Пайгирии меъёрӣ-ташхисии раванди ташаккулёбии малакаҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол, ҳамчунин маҷмуи методҳои баҳогузории сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳо, ба муаллим имконият медиҳад, ки дараҷаи маълумотгирии хонандаро ташхис, коркард ва амалӣ намуда, масири рушди бонизоми кӯдакро таҳия ва амалӣ намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳамчун базаи назариявӣ барои мукммалнамоии фаъолиятҳои таълимӣ-таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҳамгироии дарс бо фаъолиятҳои беруназдарсӣ, барои дар оянда ҳал намудани мушкилоти ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол истифода гардад.

Натиҷаҳои ба даст омадаро метавонанд муаллимони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, муаллимони муасиссаҳои таҳсилоти иловагӣ бо таври васеъ истифода намоянд ва барои ҷустани роҳҳои нави халли мушкилоти педагогии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол дар

шароити фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ, дар фаъолиятҳои амалии таҳсилоти ибтидоии муосир асос намоянд.

**Мутобиқати мазмун ва ҳаҷми интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи низомномаи таҳия ва тайёр намудани кори диссертатсионӣ комилан мувофиқ аст. Автореферат ва 20 мақолаи чопшудаи унвонҷӯй мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз мақолаҳои чопшудаи диссертант 10 - тои он дар маҷалла - нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шуданд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ карда шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои унвонҷӯ илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Комиссия хулоса менамояд, ки рисолаи диссертатсионии Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич, дар мавзуи: **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»,** ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02.01 – назария ва методикаи таълим ва тарбияи фанҳои табиӣ (биология) пешниҳод намудааст, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти № 267) ва "Дастурамал оид батартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия" (қарори Раёсати Комиссияи атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, таҳти №3) ҷавобгуй мебошад.

Аз рӯи таҳлил ва омӯзиши рисолаи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич Комиссия **тавсия** менамояд:

1. Диссертатсияи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич дар мавзуи **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифодаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»**, ки дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тайёр гардидааст ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълим ва тарбия (13.00.02.01)- назария ва методикаи таълим ва тарбияи фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ(биология)), қабул карда шавад.
2. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисолаи мазкур муқарризони расмӣ дар ҳайати:

1. Ашурова Дилором, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода;

2. Саидаҳмадова Дилором номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шаванд.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

**Раиси коммисия,**
доктори илмҳои биологӣ,
дотсент Мирзораҳимов А.К.

**Аъзоён:**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Файзализода Б.Ф.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Баротзода К.А.

Имзоҳои Мирзораҳимов А.К. Файзализода Б.Ф.
ва Баротзода К.А. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кор бо кадр ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.rj
www.tgpu.tj